

27.09.2017

**Дирӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳайати роҳбарикунанда ва воҳидҳои сохтории Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ ба амал оварданд.**

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Амонов Акрам бо сабаби ба нафақа баромаданаш, Паноев Сухроб ва Воҳидов Фарҳод бо сабаби ба кори дигар гузаштанашон аз вазифаи муовинони Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шуданд.

Бо қарорҳои дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Алихонов Зубайдулло, Мирзоев Нусратулло ва Мирзонаботов Алишер — муовинони Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардиданд.

Ҳамчунин бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гиёсов Ҷумъахон аз вазифаи муовини якуми Раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод гардида, Бегназаров Амирбек муовини якуми Раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шуд.

Тағйироти кадрӣ ҳамчунин дар раёсатҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи давлатии

амнияти миллии Чумхурии Точикистон дар Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон, вилояти Сугд ва шахри Душанбе амалӣ гардид.

Дар ин бора аз Хадамоти матбуоти Президенти Чумхурии Точикистон иттилоъ доданд.

sugd.tj